# Шӯрои нозирони
# ҶСК «Алиф Бонк»

**Фирдавс Мирзоев**

Раис

Фирдавс Мирзоев яке аз муассисони Алиф мебошад. Барои рушди байналмилалии гурӯҳи ширкатҳои Алиф ва идораи стратегии сармоягузорӣ дар кишварҳои хориҷ аз Осиёи Марказӣ масъул мебошад.

Пеш аз ин Фирдавс дар Тоҷикистон дар ҳайати роҳбарияти Алиф Бонк фаъолият кардааст — аввал ба ҳайси роҳбари идораи ҳуқуқ ва баъдан директори идоракунанда. Дар гузашта бо идоракунии корпоративӣ ва кор бо ширкатҳои байналмилалӣ машғул буд, аз ҷумла дар Tethys Services Tajikistan Limited. Инчунин дар лоиҳаҳои ҳуқуқӣ ва машваратӣ таҷрибаи хусусӣ дорад.

Фирдавс дараҷаи бакалаврро дар соҳаи ҳуқуқ аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дараҷаи магистрро аз Saint Louis University School of Law (ИМА) гирифтааст. Таҷрибаи ӯ дастгирии ҳуқуқи тиҷоратӣ, банақшагирии стратегӣ ва идоракунии корпоративиро дарбар мегирад.

## Аъзоёни шӯъбаи нозирон

**Фирдавс Шаҳидӣ**

Фирдавс Шаҳидӣ соҳибкор ва мутахассиси соҳаи сармоягузорӣ буда, дар ширкатҳои молиявии байналмилалӣ таҷрибаи чандинсола дорад. Айни замон директори иҷрокунандаи ширкати сармоягузории AMBER Investments Ltd дар Дубай мебошад ва ҳамзамон узви Шӯрои нозирони якчанд ширкати байналмилалист, аз ҷумла Alif Capital Holdings Limited ва Jefferson Capital Ltd.

Фирдавс таҷрибаи касбии худро дар Швейтсария оғоз карда, дар самти бонкдории хусусии EFG Bank London фаъолият намудааст. Сипас дар Лондон вазифаҳои роҳбарикунандаро ба уҳда гирифта, ба ҳайси директори WMG Advisors LLP ва директори идоракунандаи Jefferson Capital Ltd корбарӣ кардааст. Самтҳои асосии касбии ӯ идораи сармояи хусусӣ, офисҳои оилавӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногун мебошанд.

Инчунин Фирдавс узви Шӯрои нозирони GTL Terminals Ltd мебошад — ширкати логистикие, ки бо нигоҳдорӣ ва интиқоли ашёи хом машғул аст. Ӯ инчунин яке аз ҳаммуассисони фонди хайриявии «Пешрафт» мебошад, ки аз соли 2010 дар Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Фирдавс дар соҳаи иқтисодиёти University College London соҳиби дараҷаи бакалавр гардида, дараҷаи магистрро дар соҳаи идоракунии сармоягузорӣ аз CASS Business School (Лондон) гирифтааст.

## Суҳроб Қурбонов

Суҳроб Қурбонов — мутахассис дар соҳаи молия ва аудит бо таҷрибаи зиёда аз 15 сол мебошад. Айни замон ӯ ҳамчун мушовири Шӯрои нозирони Бонки тиҷоратии хусусии саҳомии Orient Finans Bank (Ӯзбекистон) фаъолият мекунад — яке аз бонкҳои пешсафи кишвар, ки дороиҳояш беш аз 1,3 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Каме пеш Суҳроб дар соҳаи аудит вазифаҳои роҳбарикунандаро ишғол намуда буд. Аз ҷумла, ӯ директори идораи аудити дохилӣ дар БТХС-и «Капиталбонк» ва БТХС-и «Халкбонк» буд, ки дар он ҷо дастаҳои калони аудиториро (зиёда аз 60 нафар) роҳбарӣ мекард ва таҷрибаҳои пешрафтаи соҳаро ҷорӣ менамуд. Ӯ инчунин директори аудити дохилӣ дар ҶСК «Алфа-Бонк» (Беларус) ва роҳбари воҳидҳо дар «Алфа-Бонк» (Русия) ва «Кредит Европа Банк» низ буд.

Суҳроб дорои унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз Академияи иқтисодии Русия ба номи Г. В. Плеханов мебошад. Ӯ ҳамчунин бо дипломи аълои иқтисодӣ дар Донишгоҳи давлатии хидматрасонии шаҳри Москваро хатм намудааст ва соҳиби сертификат дар самти стратегияҳои корпоративӣ аз Донишгоҳи Лондон шудааст.

Ӯ курсҳои зиёди касбиро гузаштааст ва ҳамчун муаллифи мақолаҳои соҳавӣ ва маърӯзачии доимӣ дар маҷлисҳо оид ба аудити дохилӣ, назорати дохилӣ ва идоракунии корпоративӣ шинохта мешавад. Суҳроб ҳамчун спикер дар маҷлисҳои байналмилалӣ дар кишварҳои гуногун — Швейтсария, Русия, Латвия, Маҷористон, Украина, Беларус, Тоҷикистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳо — иштирок кардааст.

## Наргис Есуфбекова

Пеш аз таъин шудан ба аъзои Шӯрои нозирони Алиф Бонк, Наргис Есуфбекова дар Бонки Ҷаҳонӣ ҳамчун роҳбари котиботи Шӯрои ҳамоҳангсозии рушд ва дар Созмони Милали Муттаҳид, JICA ва EU кор мекард. Наргис ҳамоҳангии кори сӣ намояндаи созмонҳои байналмилалӣ ва шарикони рушдро дар Ҳукумати Тоҷикистон дар самтҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ба роҳ монда буд.

Пеш аз ин ҳамчун мутахассиси соҳаи иқтисод фаъолият дошт. Самтҳои кораш макроиқтисод, идоракунии молияи давлатӣ ва рушди бахши хусусиро дар бар мегирифтанд. Наргис дар Дафтари ҳамкории Швейтсария, як ширкати тиҷоратии швейтсарӣ ва бонки хусусӣ кор кардааст. Ӯ асосан бо мизоҷон ва шарикони байналмилалӣ фаъолият намудааст.

Наргис Есуфбекова таҷрибаи кории калон дар созмонҳои байналмилалӣ дорад — дар идоракунии лоиҳаҳои соҳаҳои молия ва робита.

Соҳиби унвони магистр дар соҳаи идоракунии равандҳои рушд дар Мактаби иқтисодӣ ва илмҳои сиёсии Лондон (London School of Economics and Political Science, Британияи Кабир) мебошад.

## Нуриддин Ахмедов

Нуриддин Ахмедов мутахассис дар соҳаи сармоягузориҳои мустақим буда, таҷрибаи бой дар бонкдории сармоягузорӣ ва машваратдиҳӣ дорад. Айни замон ӯ вазифаи директори сармоягузориро дар Atoll Capital, як ширкати мустақили хусусии сармоягузорӣ, ишғол мекунад ва барои сармоягузориҳои мустақим масъул мебошад.

Дар давоми 10 соли охир Нуриддин дар соҳаи сармоягузориҳои мустақим ва ҳамчун мушовир созишномаҳоеро ба маблағи зиёда аз 2 миллиард доллари ИМА бомуваффақият анҷом додааст. Ӯ фаъолияти худро дар дастаи баҳодиҳии тиҷорат дар ширкати Ernst & Young оғоз намуда, баъдан ба соҳаи сармоягузориҳои мустақим гузашт ва ба бахшҳои телекоммуникатсия, медиа ва технологияҳо (TMT), хизматрасониҳои молиявӣ (FIG), амволи ғайриманқул, фармасевтика ва тиҷорати истеъмолӣ тамаркуз дошт.

Нуриддин дар фондҳои пешсафи сармоягузории кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) — Elbrus Capital, Фонди мустақими сармоягузории Русия, инчунин дар самти молияи корпоративӣ дар Альфа-Банк, бузургтарин гурӯҳи хусусии бонкии Русия, фаъолият кардааст.

Нуриддин инчунин синдикати сармоягузориро идора мекунад, ки зиёда аз 5 млн доллари ИМА-ро ба ширкатҳои хусусии босуръат рушдёбанда дар ИМА, Аврупо ва кишварҳои ИДМ, асосан дар соҳаи нармафзори B2B, сармоягузорӣ кардааст.

Дониши ӯ дар соҳаи молияи корпоративӣ ва идоракунӣ ба ширкатҳо дар банақшагирии стратегии дарозмуддат, эҷоди арзиш, ҳавасмандсозии роҳбарият, ҳамроҳшавӣ ва харид (M&A), инчунин баровардани ширкатҳо ба бозорҳои оммавӣ мусоидат мекунад.